# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи «Вожасозиву вожашиносии забони адабии тоҷикӣ дар асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки омӯзиши паҳлуҳои гуногуни забони шеъри намояндагони адабиёти классик илман заминаи мусоиде барои рушди назарияи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фароҳам меорад. Аз ҷумла, ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор гирифтани мавзуи «Вожасозиву вожашиносии забони адабии тоҷикӣ дар асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совҷӣ)» имкон медиҳад, ки манзарае аз лексикаи забони адабии форсӣ-тоҷикии асри XIV пеши назари аҳли таҳқиқ қарор гирад ва муҳимтарин ҷанбаҳои забонии он муайян гарданд.

Вожашиносиву вожасозӣ аз масоили муҳимми илми забоншиносии муосир ба шумор рафта, омӯзиши онҳо ду самти илми мазкурро қувват мебахшад. Самти аввал, вожашиносӣ аз масоили мубрами илми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, ба муҳаққиқи он имкон фароҳам меорад, ки маънову баромади воҳидҳои лексикии забони адабиро муайян намояд. Мавзуи вожашиносӣ ба илми лексикология марбут буда, омӯзиши тамоми масоили лексикаи забон, аз ҷумла муродифот (синоним), калимаҳои зидмаъно (антоним), калимаҳои ҳамшакл (омоним), сермаъноии калимаҳо (полисемия), наввожаҳо (неологизм), калимаҳои кӯҳнашуда (архаизм)-ро фарогир аст. Самти дувум, калимасозӣ ҳодисаи басо мураккаб буда, муайян намудани усул ва ошкор сохтани қонунҳои он ба таҳлили дурусти шарҳи илмии сохтори калима ёрӣ мерасонад. Калимасозӣ ва таҳлили морфологии калима ба ҳам вобастагии зич доранд. Бинобар ин, таҳлил ва таҳқиқи калимасозӣ бо муайян намудани ҷузъҳои калима хотима намеёбад. Ин зинаи якуми таҳлили калимасозист, он

тақозо мекунад, ки восита ва тарзҳои васлшавӣ, муносибат ва мавқеи ҷузъҳои калима, инчунин, қолиби калимасозии он муайян карда шавад.

Дар замони истиқлоли давлатӣ мавзуъҳои марбут ба лексикология ва қисматҳои он таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷику форсро ба худ ҷалб намуда бошад ҳам, лексикаи ашъори намояндагони садаи XIV - Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ва қолибҳои калимасозии асри мазкур дар умум ва дар муқоиса бо ҳам мавриди таҳқиқи алоҳидаи забоншиносон қарор нагирифтааст. Диссертатсияи мазкур имкон фароҳам меорад, ки донишомӯзону муҳаққиқон дар риштаи забоншиносӣ аз ҳунари калимасозиву вожашиносии шоирони адабиёти садаи XIV огаҳӣ пайдо кунанд ва бо маънии онҳо ошно гарданд.

Аз таҳқиқоти анҷомдодаи Калонова Маҳина Ҷумабоевна метавон ба чунин натиҷа расид, ки бори аввал ва ба таври фарогир лексикаи ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст ва мавқеи вожагони забони адабии садаи XIV дар мисоли ашъори чунин шоирон муайян карда шудааст.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия Калонова Маҳина Ҷумабоевна барои ҳалли вазифаҳои дар пеш гузошта, татбиқи амалии натиҷаҳои пажӯҳиш, исботи муҳиммияти мавзуъ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он, баррасии объект ва предмети таҳқиқ масъулияти баланд нишон дод.

Унвонҷӯй дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, баррасии муназзам ва пай дар пайи лексикаи забони адабии асри мазкурро дақиқ кардааст.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқи Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи «Вожасозиву вожашиносии забони адабии тоҷикӣ дар асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)», пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, мисли калимасозӣ, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, таърихи забони адабӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ истифода шаванд. Ҳамзамон, бахшҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд, ки ба сифати курсҳои махсус барои

ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики макотиби олии кишвар мавриди таълим қарор гиранд. Маводи ҷамъоваришудаи диссертатсия метавонад дар таҳияи фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ, фарҳанги ашъори шоирони садаи XIV (Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ) ба кор равад.

Диссертатсия сарчашмаи мукаммали илмӣ дар шинохти лексикаи забони адабӣ ва калимасозии исми ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ буда, онро метавон барои таълифи рисолаҳои илмӣ ҳамчун сарчашма истифода намуд.

Ҳангоми таълиф унвонҷӯй ба адабиёти нав диққати хоса додааст. Қобили зикр аст, ки ба ҳайси адабиёти диссертатсия на танҳо аз асарҳои олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи забоншиносӣ, балки аз осори таърихшиносон низ истифода кардааст.

Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки Калонова Маҳина Ҷумабоевна тавонистааст оид ба нуктаҳо ва маълумотҳои пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа қарор гирад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Ҳамчунин, барои дақиқ омор кардани вандҳои исмсоз ва калимаҳои иқтибосӣ дар ашъори шоирон унвонҷӯй 2 замима ва 7 ҷадвалро тартиб додааст, ки далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд.

Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нарафтааст.

Аз лиҳози тартиб кори диссертатсионӣ ба талаботи пешниҳодкарда мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 53 фаслу зерфасл, рӯйхати адабиёт, 2-то замима ва 7-то ҷадвал иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, сатҳи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ

ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, маълумот дар бораи аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, соҳаи таҳқиқот, тасвиби натиҷаи кор, саҳми унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия "Вижагиҳои лексикии забони адабии тоҷикӣ дар асри XIV" унвон дошта, аз 7 фасл иборат мебошад. Дар боби мазкур унвонҷӯй мавқеи синоним, омоним, антоним ва калимаҳои сермаъноро дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ муайян кардааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таснифоти мавзуии вожаҳои забони адабии тоҷикӣ дар асри XIV» ном дошта, аз 36 фаслу зерфасл иборат аст. Дар боби дуюм воҳидҳои луғавии марбут ба касбу ҳунар, номвожаҳои ҷуғрофӣ, номи ҷонварон, парандаҳо, ҳайвонот, воҳидҳои луғавии марбут ба хешу табор, воҳидҳои луғавии марбут ба соҳаи тиб, номи рустаниҳо, номи узвҳои бадан, вожаҳои марбут ба динҳо ва калимаҳои марбут ба соҳаи мусиқӣ мавриди таҳқиқи унвонҷӯй қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Баррасии сохти исмҳо дар ашъори шоирони асри XIV» унвон дошта, аз 8 фаслу зерфасл иборат аст. Дар боби мазкур исмҳои сода (исмҳои содаи мансуб ба забони тоҷикӣ, арабӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, туркӣ), исмҳои сохта (исмҳои сохта тавассути пешванд ва исмҳои сохта тавассути пасвандҳо), исмҳои мураккабби пайвасту тобеъ таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф манзур гардидаанд.

Хулосаҳову тавсияҳои Калонова Маҳина Ҷумабоевна касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия мебошанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд.

Мухтавои асосии кори диссертатсионӣ дар 31 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Автореферат ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ба дараҷаи зарурӣ мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Бо назардошти сифатҳои зикршудаи шахсии муаллиф, қобилияту маҳорат ва омодагии ӯ ба корҳои илмию таҳқиқотии мустақил ҳамчун мушовири илмӣ чунин меҳисобам, ки кори диссертатсионии Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи «Вожасозиву вожашиносии забони адабии тоҷикӣ дар асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ диссертатсияи анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯ аст ва онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.


Мушовири илмӣ,
доктори илми филология Қосимов О.Ҳ.
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139
e-mail: olimjon@yndex.ru
тел.: (+992) 937693333

30.03.2022.

ИМЗОИ/ПОДПИСЬ
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«30» 03 2022 с/г